*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 47 (4630) | ҶУМЪА, 31 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|





## НАВРӮЗ БАРОИ МО БАРОБАР БО РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ БИСЁР АЗИЗУ ГИРОМӢ МЕБОШАД

### Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз

шаҳри Хуҷанд, 30 - юми марти соли 2023

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори яке аз ҷашнҳои муқаддасу муборaки миллиамон - Наврӯз, ки таҷлили он чанд рӯз инҷониб дар кишвари биҳиштосои мо идома дорад, бори дигар табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саломативу хушбахтӣ, иқболи баланд ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

Фаро расидани Наврӯз паёме аз баробар гардидани шабу рӯз, зинда шудани табиат, оғози соли нав ва мавсими киштукор мебошад.

Мехоҳам бо ифтихор иброз намоям, ки Наврӯз барои мо баробар бо Рӯзи истиқлолияти давлатӣ бисёр азизу гиромӣ мебошад, зеро маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ мо оину суннатҳои деринаи миллии худ, аз ҷумла Наврӯзро эҳё намудем.

Дигар ин ки истиқлолият ҳамчун ҳадяи сарнавишти миллат ва Наврӯз чун шоҳсутуни таърихи пурифтихори тоҷикон дар якҷоягӣ пайвандгари наслҳои имрӯзу оянда бо расму оин ва суннату анъанаҳои гузаштагони некноми мо мебошанд.

Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти моҳият ва табиати башардӯстонаву инсонгароёнаи Наврӯз аз соли 2010 сар карда, ин оини бостонӣ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад. Яъне бо ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз рисолат ва нақши он дар самти густариши ҳамкориву табодули фарҳангҳо, ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳкими сулҳу субот дар миёни халқҳои олам боз ҳам тақвият пайдо намуд.

Аслан Наврӯз ва ҳикмату фалсафаи он бар пояи бузургдошт ва ситоиши инсон, сарфи назар аз мансубияти диниву мазҳабӣ ва мақоми иҷтимоӣ, баробарӣ, таҳаммулгароӣ, авфу бахшиш, оғози саҳифаи нав дар зиндагӣ ва дар маҷмӯъ сулҳу субот, бунёд гардидааст.

Ин ҳама арзишҳои ҷовидонӣ ва аҳамияти умумибашарии Наврӯз барои мо - тоҷикон дар баробари забони ширину шевои тоҷикӣ, таърих, илм ва адабиёту фарҳанги пурғановати бо ин забон таълифшуда мояи ифтихору сарфарозӣ ва беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳӣ мебошад.

Мо, ҳамчунин, ифтихор дорем, ки дар асри бисту якум, яъне дар замони рушди босуръати илму техника ва технологияҳо, Наврӯз бо таърихи шашҳазорсолаи худ ҳанӯз зинда аст, дар қалби ҳар яки мо ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии наслҳо решаҳои амиқ дорад ва ниёзҳои маънавию иҷтимоии мардуми моро қонеъ мегардонад.

Зимнан, хотиррасон менамоям, ки яке аз омилҳои муассиру тавонои пояндагии миллати мо мавҷудияти силсилаҷашнҳои аҷдодӣ, аз қабили Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон, мебошанд.

Бовар дорам, ки халқи куҳанбунёду сарбаланди мо бо ин ҷашни хуршедии худ боз ҳазорсолаҳои дигар миёни мардуми олам шуҳратёр хоҳад буд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Баҳор фасли зебои сол ва ҳамзамон бо ин, мавсими киштукор ва пайкори созандагӣ мебошад. Аз ин рӯ, мардуми мо ба истиқболи Наврӯз на танҳо дастархони наврӯзӣ мероянд, ба зиёрати якдигар мераванд ва чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ доир мекунанд, балки тозаву озода, ободу зебо ва кабудизоркунии хонаву кошона, маҳали зисти худ, деҳоту шаҳракҳо ва киштукори баҳориро низ бо рӯҳияи баланду созанда вусъат мебахшанд.

Мо ҷашни Наврӯзи имсоларо дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ доир намуда истодаем. Сокинони шаҳри бостонии Хуҷанд ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ то имрӯз дар баробари дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба хотири таъмин намудани рушди устувори иқтисоди мамлакат ва пешрафту ободии кишвари азизамон содиқона заҳмат кашида истодаанд. Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи онҳо изҳори сипос менамоям.

Дар баробари ин, вазъи буҳронии ҷаҳони имрӯза ва дигар мушкилоте, ки ҳоло инсоният бо онҳо рӯ ба рӯ омадааст, моро водор месозанд, ки тамоми захираву имкониятҳо ва тавону неруи худро ба хотири расидан ба ҳадафу нақшаҳои дар наздамон қарордошта - таъмини рушди минбаъдаи давлат, ободии Ватан ва мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии ҳар як оилаи мамлакат сафарбар созем.

Вилояти Суғд, бо дарназардошти хусусиятҳои табиию ҷуғрофӣ, заминҳои ҳосилхез ва мардуми заҳматқаринаш, ҳамчунин, бо деҳқонони асили худ дар кишвар шуҳрати зиёд дошта, дар ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолии на танҳо Тоҷикистон, балки берун аз он бо маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ саҳми арзишманд дорад.

Саҳми сокинони вилояти Суғд дар самти расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати мамлакат, бисёр назаррас мебошад.

Боиси қаноатмандист, ки сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят дар арафаи таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз корҳои зиёди ободониву созандагӣ, аз қабили бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншооти иҷтимоиву хизматрасониро ба анҷом расонидаанд.

Мо дирӯзу имрӯз даҳҳо иншооти навро ифтитоҳ намудем ва тайи ду рӯзи оянда дар маросими ба истифода супоридани боз даҳҳо иншооти навбунёди дигар ширкат мекунем.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардум ҳоло симои шаҳру ноҳияҳои вилоят куллан дигаргун шудааст ва бамаротиб ободу зебо гардидааст.

Бовар дорам, ки сокинони шарафманди вилояти Суғд дар оянда низ барои пешрафту ободонии мамлакат саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Дар робита ба суннатҳои неки наврӯзӣ мехоҳам таъкид намоям, ки онҳо бо ҳадафу ниятҳои созанда ва бунёдкоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон, хусусан, дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ҳамоҳангии комил доранд.

Аз ин лиҳоз, ба мардуми бонангу номуси кишвар, аз ҷумла сокинони заҳматдӯсти вилояти Суғд, муроҷиат менамоям, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони муосир тамоми саъю талоши худро барои боз ҳам неруманду пешрафта гардонидани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, ободии Ватани аҷдодӣ ва зина ба зина беҳтар гардидани шароити зиндагии ҳар як хонадони кишвари маҳбубамон – Тоҷикистон равона намоянд.

Бори дигар хурду бузурги мардуми сарбаланди Тоҷикистони азиз, сокинони ватандӯсту заҳматкаши вилояти Суғд ва ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори соли нави аҷдодӣ – Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳар як сокини кишвари маҳбубамон саломативу хушбахтӣ, барори кор ва ба Тоҷикистони биҳиштосоямон сулҳу оромии ҷовидонӣ ва пешравиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Ҳамеша сарбаланду фараҳманд ва чун баҳору Наврӯзи Ватани маҳбубамон сарсабзу шукуфон бошед!

**Соли нави аҷдодӣ ва Ҷашни байналмилалии Наврӯз муборак, ҳамватанони азиз!**

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**29-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Сомғори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо раванди бунёди токзори нав шинос шуда, дар маросими ба истифода додани хатти оби полезӣ иштирок намуданд.**

Хатти оби полезӣ бо насби муҳаррикҳои нав аз канали якуми Сомғор ба ин мавзеъ оварда шудааст.

Иқдоми обёрии заминҳои мавзеи Сомғор бо мақсади истифодаи пурсамару мақсадноки заминҳо аз ҳисоби маблағҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд амалӣ гардида, ин раванд барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани қитъаҳои нав, пешгирӣ аз шӯршавии заминҳо, барқарор ва бунёди боғу токзорҳои замонавӣ мусоидати фаъол хоҳад кард.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки зиёда аз 22 ҳазор гектар замини корами ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз тариқи пойгоҳҳои обкашии барқӣ бо оби полезӣ таъмин мешаванд.

Дар ноҳия 33 пойгоҳи обкашӣ мавҷуд аст, ки калонтарини он шабакаи обрасони «Хоҷабоқирғон» ва «Сомғор» ба ҳисоб меравад.

Пойгоҳи обкашии «Сомғор-1», ки аз соли 1960 инҷониб фаъолият дорад, дорои 8 агрегати обрасон мебошад. Тавассути ин пойгоҳ зиёда аз 6 ҳазор гектар замини деҳоти ба номи Дадабой Холматов ва Исмоил обёрӣ гардида, барои таъмиру омодасозии он ба мавсими киштукор ҳар сол маблағҳои зарурӣ ҷудо мешавад.

Дар ду соли охир бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ҷиҳати беҳтар намудани вазъи обрасонӣ барои пойгоҳи обкашии «Сомғор-1» 4 муҳаррики нави агрегат харидорӣ шудааст. Ҳоло 5 агрегати ин пойгоҳ дар ҳолати корӣ қарор дошта, ҳар яки он дар як сония 1700 метри мукааб оби полезӣ интиқол медиҳад.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз токзори нави Хоҷагии деҳқонии ба номи Бойирҷон Боймирзоев, ки дар масоҳати 15 гектар дар асоси таҷрибаи ангурпарварони шаҳри Турсунзода бо тарзи хавозавӣ бунёд гардидааст, шинос шуданд.

Дар вилоят соли равон бо усули хавозавӣ бунёд намудани 500 гектар токзори нав ба нақша гирифта шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки бунёди токзори нав, бо назардошти тамоми меъёрҳои аграрӣ ва ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба, хусусан бо иштироки ангурпарварони номдори шаҳри Турсунзода, амалӣ карда шавад.

Дар токзори нави Хоҷагии деҳқонии ба номи Бойирҷон Боймирзоев то имрӯз 4 ҳазору 200 бех ниҳоли ангур, асосан навъҳои серҳосилу ба содирот нигаронидашуда, шинонида шудааст ва хоҷагидорон ният доранд, ки масоҳати боғи ангурро ба 100 гектар расонанд. Барои амалӣ намудани ин иқдом, қаблан мутахассисони соҳаи боғдории вилояти Суғд ба шаҳри Турсунзода рафта, таҷрибаи бойи ангурпарваронро аз худ карданд. Ҳамзамон роҳбарону саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонии «Ватан» ва «Боғи Сомон»-и шаҳри Турсунзода, ки дар парваришу истеҳсоли ангур таҷрибаи ғанӣ доранд, дар вилояти Суғд, хусусан ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, чандин маротиба роҳу усулҳои бунёди токзорҳои хавозавиро амалан ба кишоварзон нишон доданд. Ҳадаф аз роҳандозии ин тадбир амалан хубтару беҳтар омӯхтани нозукиҳои бунёди токзор буда, ба ин восита барқарор ва васеъ кардани боғоти ангур дар вилоят мебошад. Истифодаи босамари таҷрибаи мазкур имкон медиҳад, ки дар оянда истеҳсоли ангур зиёд гардида, содироти он ба хориҷи мамлакат бештар шавад.

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» ба бунёди токзори хавозавӣ, ки барои парвариши чор намуди ангур пешбинӣ шудааст, оғоз бахшиданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки масоҳати токзори мазкур 7 гектар буда, дар он парвариши ангурҳои навъҳои гуногун бо усули исканапайванд дар



танаҳои 1453 адад токи амудӣ бо истифода аз таҷрибаи токпарварони шаҳри Турсунзода ба роҳ монда мешавад. Навъҳои пайвандшаванда аз хоҷагиҳои токпарварии ноҳияи Ашт ва шаҳри Турсунзода дастрас шудааст.

Дар Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат», ҳамчунин дар масоҳати 0,50 га анорбоғ бунёд кардаанд. Боғдорон 420 ниҳоли яксолаи навъи «Сомғор»-ро шинонида, барои нашъунамои хуби он аз тамоми имконият самаранок истифода мебаранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба олимону мутахассисону соҳа ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, зиёд намудани токзору боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ, самаранок истифода бурдани замин ва афзун намудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ дастурҳои мушаххас доданд.

Дар боғи зикршуда дар умум 373,7 гектар боғҳои ҳосилдеҳ ва 126,3 гектар боғҳои дарахтони ҷавони ҳосилдеҳ мавҷуд аст, ки аз он ҳар сол ҳосили фаровон ҷамъоварӣ менамоянд.

Дар ҳудуди боғ ду сардхона яке бо се камераи захиракунӣ бо ғунҷоиши 100 метри мукааб ва сардхонаи дуюм бо 5 камераи захиравӣ бо ғунҷоиши 1700 метри мукааб фаъолият дошта, намунаи маҳсулоти боғ, аз қабили хушкмеваҳо, меваҷот ва сабзавот, ба маърaз гузошта шуд.

Зимни тамошои намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаҳои фаъолияти аҳли заҳмат ва дастовардҳои бузурги меҳнатии онҳо баҳои баланд дода, рушди соҳаи кишоварзиро омили муҳими таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ арзёбӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАНТАНАҲОИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

**30 - юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд дар тантанаҳои ҷумҳуриявии идона ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз иштирок ва суханронӣ карданд.**

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳамватанон ва иштирокчиёни ҷамъомади тантанавии наврӯзиро ба ифтихори яке аз ҷашнҳои муқаддасу муборaки миллиамон - Наврӯз табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини мамлакат хушбахтӣ, иқболи баланд ва файзу баракати наврӯзӣ орзу карданд.

Таъкид гардид, ки Наврӯз барои мардуми мо баробар бо Рӯзи истиқлолияти давлатӣ бисёр азизу гиромӣ мебошад, зеро маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ мо оину суннатҳои деринаи миллии худ, аз ҷумла Наврӯзро эҳё намудем.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолиятро ҳамчун ҳадяи сарнавишти миллат ва Наврӯзро чун шоҳсутуни таърихи пурифтихори тоҷикон арзёбӣ карда, онҳоро пайвандгари наслҳои имрӯзу оянда номиданд.

Бояд гуфт, ки бо назардошти моҳият ва табиати башардӯстонаву инсонгароёнаи Наврӯз аз соли 2010 сар карда, ин оини бостонӣ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад. Яъне, бо ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз рисолат ва нақши он дар самти густариши ҳамкориву табодули фарҳангҳо, ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳкими сулҳу субот дар миёни халқҳои олам боз ҳам тақвият пайдо намуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҳама арзишҳои ҷовидонӣ ва аҳамияти умумибашарии Наврӯз барои мо - тоҷикон дар баробари забони ширину шевои тоҷикӣ, таърих, илм ва адабиёту фарҳанги пурғановати бо ин забон таълифшуда мояи ифтихору сарфарозӣ ва беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳӣ мебошад.

Ба андешаи Сарвари давлат, яке аз омилҳои муассиру тавонои пояндагии миллати мо ин мавҷудияти силсилаҷашнҳои аҷдодӣ, аз қабили Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон, мебошанд.

Изҳори умед карда шуд, ки халқи куҳанбунёду сарбаланди мо бо ин ҷашни хуршедии худ боз ҳазорсолаҳои дигар миёни мардуми олам шуҳратёр хоҳад буд.

Чун ҷашни Наврӯзи имсола дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ доир мегардад, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми содиқонаи сокинони ватандӯсту меҳнатқарини шаҳри бостонии Хуҷанд ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро дар таъмини рушди устувори иқтисоди мамлакат ва пешрафту ободии кишвари азизамон, таъкид намуданд.

Зимни натиҷагирӣ аз тадбирҳои ободонию созандагӣ, дастгирии сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар Роҳбари мамлакат изҳори бовар карданд, ки сокинони шарафманди вилояти Суғд дар оянда низ барои пешрафту ободонии мамлакат ва истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллиамон - 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Дар охири суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар мардуми сарбаланди Тоҷикистони азиз, сокинони ватандӯсту заҳматкаши вилояти Суғд ва ҳозиринро ба ифтихори соли нави аҷдодӣ - Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик гуфта, ба Тоҷикистони биҳиштосоямон сулҳу оромии ҷовидонӣ ва пешравиҳои рӯзафзун орзу карданд.

Баъд аз суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар макони баргузории чорабинии идонаи наврӯзӣ - Варзишгоҳи марказии шаҳри Хуҷанд барномаи бошукуҳи консертӣ, ки ифодакунандаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, расму суннат ва оинҳои накуи наврӯзӣ мебошад, доир шуд.

**www.president.tj**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

**30 - юми марти соли равон сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истиқлол идома ёфт.**

Дар шаҳри Истиқлол Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар Минтақаи саноатии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитой бо гузоштани санги асос ба бунёди марҳилаи дуюми Корхонаи металлургии истеҳсоли сурб, нуқра ва мис оғоз бахшиданд.

Корхонаи саноатӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи фазои мусоиди сармоягузорӣ дар мамлакат аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» сохта мешавад. Мӯҳлати бунёди корхона то охири соли 2024 пешбинӣ гардидааст.

Зимни муаррифии лоиҳаи корхона иттилоъ дода шуд, ки бунёди иншооти саноатӣ дар асоси дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади саҳмгузории бештар дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва «Солҳои рушди саноат, солҳои 2022-2026» ба нақша гирифта шудааст.

Барои сохтмони бинои асосии корхонаи истеҳсоли нуқра ва мис дар ҳудуди Корхонаи металлургии шаҳри Истиқлол 30 гектар замин ҷудо гардидааст.

Аснои шиносоии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди корхона иттилоъ дода шуд, ки барои пурра сохта ва таҷҳизонидани иншоот 50 миллион доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

Маҳсулоти истеҳсолшаванда сурби металлии 99,99 - фоиза, нуқраи 99,99 - фоиза ва миси 45 - фоиза мебошанд. Иқтидори нави саноатӣ дар шаҳри Истиқлол истеҳсоли сурби электролитӣ бо вазни 30 ҳазор тонна, нуқраи элетролитӣ - 50 тонна ва матти мисӣ бо вазни 600 тонна ба маблағи 104,1 миллион сомонӣ дар як сол хоҳад буд.

ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» солҳои 2023-2026 барои татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар мамлакат тасмим дорад 400 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ карда, теъдоди кормандон дар ҳама бахшҳои мавриди таваҷҷуҳро ба 5 ҳазор нафар расонад. Расонидани истихроҷ ва коркарди маъдан то 6 миллион тонна, ба кор андохтани марҳилаи дуюми корхонаи металлургии истеҳсоли сурб, нуқра ва мис, корхонаи нави ғанигардонӣ бо иқтидори ду миллион тонна аз қисматҳои муҳими сармоягузорӣ дар чанд соли оянда дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки ширкати мазкур соли 2007 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар давоми бештар аз 15 соли фаъолият он зиёда аз 600 миллион доллар ба иқтисодиёти мамлакати мо сармояи мустақим ворид намудааст. Феълан истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ бо иқтидори солонаи 4 миллион тонна дар кони Зарнисор ба роҳ монда шудааст. Ба иловаи ин, фаъол гардидани корхонаи нави истеҳсолӣ бо ҳаҷми коркарди 50 ҳазор тонна маҳсулот имкон медиҳад, ки тайи се соли оянда шумораи кормандон аз 4 ҳазори имрӯза ба 8 ҳазор нафар расад. То соли 2022 ин ширкат 5 миллиард сомонӣ андоз пардохт кардааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони ҷумҳуриявӣ ва намояндагони шарикони рушдро дар бобати сари вақт ва бо сифати баланд анҷом додани тадбирҳои бунёдкориву муҷаҳҳазсозии корхона вазифадор намуданд. Зикр шуд, ки дар шаҳри Истиқлол барои бунёди корхонаҳои нави саноатӣ зарфият ва имкониятҳои зиёд мавҷуд мебошад. Дар сурати бунёди корхонаҳои тавлидотӣ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зиёд мегардад ва масъалаи бо ҷойи кор таъмин кардани шаҳрвандон ҳалли худро пайдо хоҳад кард, ки ин чораён ба мақсадҳои роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакат созгор мебошад.

Истифодаи мақсадноки сарватҳои зеризаминӣ, ҷалби сармояи мустақим барои рушди ин бахши ояндадори иқтисоди миллӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати то маҳсулоти ниҳоӣ расонидани онҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба саноатикунонии босуръати мамлакат зимни муаррифии имкониятҳои корхонаи саноатӣ дар шаҳри Истиқлол мавриди таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт.

Бунёди корхонаи металлургӣ дар Минтақаи саноатии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шаҳри Истиқлол қадами ҷиддӣ ба сӯи саноатикунонии босуръати мамлакат маҳсуб ёфта, марҳилаи аввали он соли 2017 бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иқтидори истеҳсолии 50 ҳазор тонна металли сурб ва руҳ дар як сол мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта буд.

Нақши ин корхонаи бузурги истеҳсолӣ дар рушди соҳаи саноати миллӣ, тақвияти иқтидори истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини некуаҳволии рӯзгори сокинон муассир хоҳад буд.

Дар минтақаи мазкур ду корхонаи металлургӣ барои истеҳсоли сурб ва руҳ, коргоҳҳои истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ барои соҳаи саноати маъдан, кислотаи сулфат ва аккумуляторҳо дар марҳилаи сеюм бунёд хоҳад шуд.



Коргоҳи сурбгудозӣ, анбори ашё, сехи тозакунии газҳои дудӣ, коргоҳи истеҳсоли чанги ангишт, анбор барои нигоҳдории руҳ, пойгоҳи коркарди обҳои гардон, сехи сурбу электролит ва дигар иншооти ёрирасон имрӯз фаъолияти ин иқтидори саноатии кишварро комил сохтааст. Истеҳсолот дар корхона дар се марҳила сурат гирифта, ашёи хом барои тавлиди сурб ва руҳ аз кони Зарнисор дастрас мешавад.



Таъкид шуд, ки кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистон захирагоҳи беҳамтои канданиҳои фоиданок ба ҳисоб меравад. Аз рӯи тахмини мутахассисон, айни замон дар мамлакат бештар аз 400 мавзеи маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок мавҷуд мебошад, ки 214 макони сарватҳои зеризаминӣ дар вилояти Суғд ҷойгир шудааст. Конҳои сурбу руҳ, тиллову нуқра, мису ангишт ва даҳҳо мавзеъҳои дигар ҳамчун боигарии миллӣ ба қайд гирифта шудааст ва коркарди оқилонаи онҳо дар таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Изҳори итминон шуд, ки дар сурати истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ шаҳри Истиқлол метавонад ба яке аз минтақаҳои бузурги саноатии мамлакат мубаддал гардида, дар самти татбиқ намудани ҳадафи ба кишвари саноатӣ табдил додани Тоҷикистон саҳми арзишманд гузорад.

**30 - юми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Меҳнатободи шаҳри Истиқлол хатти оби полезиро, ки барои бунёди 150 гектар боғи хуч пешбинӣ гардидааст, ба истифода доданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки ин мавзеъ барои парвариши ниҳоли хуч мувофиқу муносиб буда, тибқи баҳогузории мутахассисони соҳа, аз ин қитъа метавон ҳосили хуб ба даст овард. Аз ин рӯ, хатти оби полезӣ барои бунёди боғи мазкур аз масофаи 5,5 километр кашида шуда, ба таври худҷореъ об то ба ин нуқта мерасад.

Саргаҳи оби полезӣ дар мавзеи Бинокори шаҳр ҷойгир буда, хатти об то боғи навбунёд ба воситаи қубурҳои калонҳаҷми қутрашон 250 - миллиметра кашида шудааст ва барои фаъолияти доимӣ иншооти ирригатсионӣ бо истифода аз масолеҳи баландсифати сохтмонӣ бунёд гардидааст.

Зимни боздид ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки боғи навбунёд барои истифода ба 40 оилаи ҳудуди шаҳр тақсим гардидааст, ки пас аз боровар гардидани ниҳолҳои шинонидашуда ин оилаҳо аз ҳисоби парвариши хуч даромади хуб ба даст хоҳанд овард, зеро талабот ба он ҳам дар бозорҳои дохилӣ зиёд аст ва ҳам хуч ҳамчун маҳсулоти содиротӣ дар бозорҳои дигар кишварҳо харидорони худро дорад. Ҳамчунин, дар ҳудуди вилоят феълан коркарди ин навъи маҳсулот дар шакли мураббо ва нӯшобаҳои табобатӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст ва боғи навбунёд минбаъд метавонад дар таъмини эҳтиёҷоти чунин коргоҳу корхонаҳо бо маҳсулоти аввалия нақши асосӣ бозад.

Бояд қайд кард, ки хатти оби полезӣ ва ташкили боғи хуч дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири истифодаи самараноки заминҳои ҳудуди шаҳри Истиқлол ташкил шуда, минбаъд имкон аст, ки масоҳати ин боғ то 187 гектар расонида шавад.

Барои нигоҳубини дурусти ниҳолҳои шинонидашуда ва минбаъд васеъ намудани майдони боғи мазкур ва рушд додани истеҳсоли хуч Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ва кишоварзони шаҳр дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар ҳамин мавзеъ Пешвои миллат, ҳамчунин, аз намоиши маҳсулоти хоҷагии ҷангали вилояти Суғд дидан намуданд.

Дар намоишгоҳ маҳсулоти гуногунии ин хоҷагӣ, ҳамсони намунаи гиёҳҳои шифобахши бандубастгардида, шарбату афшураҳои гуногуне, ки аз маҳсулоти табиии Тоҷикистон омода гардидаанд ва нӯшобаҳои аз анору хуч омодагашта ба маърӯз гузошта шуд.

Дар намоиши мазкур иттилоъ дода шуд, ки соли гузашта Хоҷагии ҷангали вилоят ба миқдори 103 тонна хуч ҷамъоварӣ намуда, барои коркард ба корхонаҳо ва дигар харидорон пешниҳод кардааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид масъулинро муваззаф намуданд, ки минбаъд барои ҷамъоварии босифати маҳсулот ва бандубасти замонавии он ҳамаҷониба чораандешӣ намуда, содироти маҳсулоти ниҳоии аз ҷиҳати экологӣ тозаро бо тамғаҳои гуногун ба кишварҳои гуногун афзоиш диҳанд.

**Дар идомаи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои истиқоматии хизматии кормандони шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истиқлолро пас аз таъмиру тармим ва анҷоми корҳои навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои истиқоматӣ аз 5 ошёна иборат буда, дар он барои зиндагии кормандони мақомоти милитсия тамоми шароити зарурӣ фароҳам шудааст. Аз ҷумла, тамоми хонаҳо бо лавозимоти рӯзгор, аз қабили яхдон, мошинаи ҷомашӯӣ, телевизор, қолину дигар ашёҳо муҷаҳҳаз буда, хонаҳо пурра таъмир гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як ҷуфт навхонадорон, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият намудаву ятими кулланд, калиди хонаи истиқоматиро ҳадя намуданд. Барои чунин таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ оилаи ҷавон ба Пешвои миллат миннатдорӣ карданд.

Президенти мамлакат, ҳамчунин бо шароити бинои истиқоматӣ шинос шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки бинои мазкур дорои 55 хона буда, аз ин 40 хонаи истиқоматӣ 2-ҳуҷрагӣ ва 10 хонаи дигар 1-ҳуҷрагӣ мебошад. Ин ҳадяи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони ниҳоди мазкурро, ки дар шаҳри Истиқлол кору фаъолият мекунанд, хушҳол намуд.

Қобили зикр аст, ки шарту шароити зисту зиндагонӣ ва имкониятҳои хизматии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври ҳамешагӣ зери таваҷҷуҳи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, тадриҷан барои фаъолияти босамари онҳо шароиту имкониятҳои муосир фароҳам оварда мешавад. Хусусан, таъмини оилаҳои низомиён бо хонаҳои истиқоматӣ дар ҷумҳурӣ бомаром идома дошта, ба ин васила шароити зисту зиндагонии онҳо ба тарзи чашмрас боло бардошта шудааст.

Дар он рӯз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба кормандони шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Истиқлол микроавтобуси хизматӣ туҳфа карда шуд.

Зимни суҳбатҳои самимӣ кормандони милитсия ва оилаҳои онҳо ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои чунин таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои ҳамешагӣ миннатдорӣ баён карда, иброз доштанд, ки ин гуна дастгириҳои пайваста масъулияти онҳоро барои иҷрои вазифаи хизматиашон боз ҳам дучанд менамояд.

**30 - юми марти соли ҷорӣ дар шаҳри Истиқлол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи нонпазӣ ва қаннодиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо фаъолияти он шинос шуданд.**

Корхонаи мазкур бо тамғаи «Файзи Истиқлол» маҳсулот омода намуда, барои бо сифат анҷом додани фармоиши мизоҷон ва қонеъсозии талаботи бозори шаҳр имконияти мусоидро доро мебошад.

Дар корхонаи нонпазӣ ва қаннодӣ навъҳои гуногуни кулчақанд, торт, шириниҳо бо таъму лаззати фарқкунанда, самбӯса, манту ва намудҳои гуногуни нон пухтупаз гардида, ба харидорон пешниҳод мешавад. Дар маҷмӯъ, дар ин коргоҳ 15 номгӯи маҳсулоти нонӣ ва қаннодӣ омода мегардад.

Тавре иброз гардид, коргоҳ ҳам барои нуқтаҳои фурӯши мағозаву бозорҳо маҳсулот тайёр менамояд ва ҳам имконият дорад, ки фармоиши мизоҷонро барои омодасозии ин ё он номгӯи маҳсулот дар алоҳидагӣ қабул намояд.

Дар як моҳ дар он ҷо имконият



аст, ки то 4 ҳазор намуди гуногуни ширинӣ, 1,5 ҳазор дона торти ҳаҷман хурду калон ва то 350 килограмм маҳсулоти нонӣ тайёр карда, то 5 тонна орди аълосифат барои омодакунии маҳсулоти ниҳоӣ истифода гардад.

Дар коргоҳи нонпазӣ 10 нафар, асосан бонувони шаҳр соҳиби ҷойи кори доимӣ гардида, онҳо аз курсҳои омӯзишӣ гузаштаанд ва бо сифати баланду таъму лаззати хос маҳсулоти ноniву қаннодиро омода карда, ба мизоҷон пешниҳод месозанд.

Коргоҳ дорои дастгоҳҳои каммасрафу муосири пухтупази нону намудҳои гуногуни ширинӣ буда, имконият дорад, ки тамоми намуди фармоишҳоро мувофиқи хоҳиши муштариён ва талаботи бозори истеъмолӣ тайёр кунад.

Назорати сифати маҳсулоти ниҳоӣ бо ҷалби мутахассисон ба таври доимӣ роҳандозӣ шуда, барои омодакунии кулчақанду шириниҳои гуногуну хуштаъм ва намудҳои нон маҳсулоти аълосифату аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ истифода мешавад.

«Файзи Истиқлол» бо пайгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Хуршед Очилов бунёд гардидааст.

Ҳамчунин, дар ҳамон ҷо намоиши маҳсулоти ниҳоии коргоҳи мазкур, ки бо тамғаи «Файзи Истиқлол» истеҳсол мешавад, доир гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид кормандон ва масъулинро вазифадор карданд, ки ба сифати маҳсулоти ниҳоӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд ва бо омӯзиши ҳамаҷонибаи талаботи бозору хоҳиши мизоҷон номгӯи маҳсулотро низ зиёдтар намоянд.

**30 - юми марти соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд коргоҳи дӯзандагию қолинбофиро ба истифода доданд.**

Иншооти мазкур аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Нури Ховар» бунёд гардида, самти асосии фаъолияти он дӯзандагию қолинбофӣ мебошад ва бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар он 15 зану духтарони хонанишин ба кор ҷалб гардида, ба дӯхтани сарулибоси ягонаи мактабӣ, корӣ, рахти хоб ва либосҳои гуногуни миллӣ машғуланд. Коргоҳи дӯзандагӣ дорои 12 мошинаи дарздӯзӣ, бурандагӣ, дарзмолкунӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ аст.

Дар коргоҳи қолинбофӣ низ дастгоҳҳои муосир, таҷҳизот барои печонидани ресмон васлу насб карда шудааст, ки бо истифода аз он қолинҳои хушсифат бофта мешаванд. Дар коргоҳ қариб 600 ҷуфт либосҳои гуногун ва қолинҳои дастии хушсифат истеҳсол намудан мумкин аст.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки айни замон дар коргоҳи қолинбофӣ 5 намуди қолин истеҳсол гардида, ашёи хом, аз ҷумла ришта, аз хориҷи кишвар ворид мегардад. Сифати қолинҳои коргоҳ ба талаботи рӯз ҷавобгӯ буда, мувофиқ ба талаботи бозор истеҳсол карда мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо коргарони коргоҳи мазкур суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, онҳоро ба истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ҳидоят намуданд.

Занону бонувони хонашини шаҳри Истиқлол дар навбати худ ба Пешвои миллат ҷиҳати фароҳам намудани шароити мусоиди кору зиндагӣ миннатдорӣ намуда, ваъда доданд, ки фаъолиятро дар ин коргоҳи тозабунёд боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мемонанд.

Бунёди коргоҳи мазкур, ки дар доираи корҳои созандагӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст, дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии сокинони шаҳри Истиқлол нақши созанда дорад.

**30 - юми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истиқлол хатти оби нӯшокиро барои 18 ҳазор аҳолии шаҳр ба истифода супориданд.**

Оби нӯшокӣ худҷорӣ буда, тавассути қубури қутраш 325 - миллиметра аз масофаи 7,2 километр ҷорӣ мегардад. Иншооти мазкур дар раванди созандагию бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истиқлол бунёд гардидааст.

Лоиҳаи хатти оби нӯшокӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад. Оби нӯшокӣ бо қубури асосӣ дар ҳаҷми 110 метри мукааб об дар як соат ба обанбори «Офтобак»-и шаҳр интиқол мешавад.

Дар обанбори мазкур ду ҳавз бо иқтидори ғунҷоиши 2000 метри мукааб об ҷойгир аст. Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи марти соли 2021 оғоз гардида, барои дар муҳлати муайяншуда анҷом ёфтани он беш аз 50 нафар мутахассиси маҳаллӣ ҷалб карда шуд.

Қаблан сокинони шаҳри Истиқлол, ки беш аз 18 ҳазорро ташкил медиҳанд, аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашиданд. Акнун дар партави сиёсати инсонпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва амалӣ намудани лоиҳаи мазкур сокинон бо оби нӯшокӣ пурра таъмин шуданд.

Дар доираи амалишавии лоиҳаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ шафати кӯчаҳо, дохили биноҳои истиқоматӣ, иншооти соҳаи маорифу тандурустӣ ва варзишу хизматрасонии ҳудуди шаҳри Истиқлол дар умум ба масофаи 11,2 километр хатти оби нӯшокӣ кашида шудааст.

Маврид ба ёдоварист, ки иқдоми беназири Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи татбиқи барномаҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии беш аз 18 ҳазор аҳолии шаҳри Истиқлол амалӣ шуд.

Обанбори асосии хатти оби нӯшокӣ дар масоҳати қариб як гектар ҷойгир ва дорои биноҳои безараргардонӣ ва тагшинкунонии оби нӯшокӣ буда, бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳавӣ ва маводи зарурӣ таъмин мебошад.

Иқтидори ғунҷоиши об дар ду ҳавзи обанбор 1000 метри мукааб буда, таъминоти об тавассути ду насоси боиқтидор ба обанбори «Офтобак» интиқол меёбад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони соҳаро вазифадор карданд, ки пайваста дар беҳтар гардонидани сатҳи обрасонӣ ба аҳолӣ тадбирҳои бетаъхир андешанд ва дар ин радиф корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба истифодаи босамари об дар байни сокинон низ гузаронида шавад.

**30 - юми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Осорхонаи таърихии шаҳри Истиқлолро мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои осорхона дар доираи амалӣ намудани тадбирҳои созандагию ободонӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мусоидати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд аз тарафи соҳибкорони ватандӯст бо тарҳи меъмории миллӣ навсозӣ шудааст.

Бинои осорхона якошёна буда, дар он се толори нигоҳдории нигораҳои таърихӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавҷуд аст, ки давраҳои гуногуни таърихии шаҳри Истиқлолро бозгӯ мекунанд. Ба ақидаи таърихшиносон қадимтарин ёдгорие, ки дар ин осорхона нигоҳ дошта мешавад, таърихи беш аз 500-сола дорад.

Дар иншоот толори калон дар масоҳати 256 метри мураббаъ, хазина ва даҳлез ҷойгир аст. Дар толори намоишии осорхона ҷои нигоҳдории нигораҳо, ҳуҷраҳои корӣ, ташхисгоҳ ва дигар иншооти хизматрасонӣ мавҷуд буда, нигораҳо ва тасвирҳо дар осорхонаи мазкур аз гузаштаи таърихи куҳани шаҳри Истиқлол шаҳодат дода, дар муаррифии ёдгориҳои он нақши муҳим дорад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар шаҳри Истиқлол ёдгориҳои таърихии дар натиҷаи кофтуковҳои археологии олимон пайдогардида дар осорхона ҳифзу нигоҳдорӣ карда мешавад. Инчунин, ҷиҳати зебо нигоҳ доштани иншооти мазкур дар атрофи он корҳои кабудизоркунӣ анҷом ёфта, дарахтони ороишию сояафкан шинонида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи сиёсати фарҳангпарварона ва таърихдӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла вилояти Суғд, иншооти зиёди фарҳангӣ бо тарҳи муосир бунёд гардида, ёдгориҳои таърихӣ низ навсозӣ шудааст, ки ҳар сол сайёҳони дохилию хориҷӣ аз онҳо боздид менамоянд.

**Дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Истиқлол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши наврӯзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз баргузор шуд, боздид намуданд.**

Дар ҷашнвораи наврӯзӣ сокинони шарафманду заҳматпешаи шаҳри Истиқлол бо ифтихори баланди ватандорӣ ва сурӯру шодмонӣ иштирок намуда, маҳсули заҳмат ва дастовардҳои меҳнатиро ба намоиш гузоштанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сокинон суҳбати самимӣ ороста, онҳоро ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик гуфтанд.

Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Наврӯз ҳамчун ҷашни қадимаи миллати тамаддунофару фарҳангсолори тоҷик, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад, ки ҷавҳари аслии ин ҷашни бостониро саодату хушҳолӣ, ҳамзистии осоишта, накукориву созандагӣ ва бунёдкорӣ дар бар мегирад.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки яке аз рамзҳои наврӯзӣ тозаву озода кардани хонаву маҳали зист, кӯчаву хиёбон, шинонидани ниҳол ва коштани донаи умед мебошад.

Ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар он ҷо хони идонаи ҳафтсину ҳафтшин, ки бозгӯи фарҳанги қадимаи дастархондории миллати куҳанбунёди тоҷик аст, ороста шуд.

Гӯшаи дигари базмгоҳи наврӯзиро таомҳои миллӣ, аз қабили ғизоҳои бо гиёҳҳои шифобахши баҳорӣ омодашуда, зебу зинат мебахшид. Дар дегҳои алоҳида кадбонувон суманак омода мекарданд, ки он аз рамзҳои асосии ҷашни Наврӯз аст.

Инчунин, кадбонуҳои соҳибзавқу хушсалиқаи шаҳри Истиқлол дар гӯшаҳои алоҳида маҳсулоти нонӣ, аз ҷумла кулчаю қалама, чаппотию фатир ва амсоли ин, омодаву пешниҳод карданд. Дар баробари ин маҳсулоти қаннодию шириниҳо, шарбату афшураҳо ва мураббои мевагӣ низ ба маърӯз гузошта шуд. Дар як гӯшаи базмгоҳи наврӯзӣ ҷавонон бозиҳои варзишӣ, шеъру таронахонӣ ва гулбазм барпо карданд.

Дар намоиши наврӯзӣ ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили қолинбофӣ, намадбофӣ, зардӯзӣ, гулдӯзию кашидадӯзӣ, шерозбофӣ, атласу адрасбофӣ ва ҷомадӯзию тоқидӯзӣ, аз тарафи бонувони ҳунарманди шаҳр муаррифӣ гардид. Бояд гуфт, ки ҳунарҳои қадимаи кандакорӣ, табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, сабадбофӣ, сандуқсозӣ, оҳангарию дуредгарӣ ва дигар навъи ҳунарҳои дастӣ низ дар байни сокинони шарафманди шаҳри Истиқлол солҳои охир аз нав эҳё шуда, рушду нумӯъ меёбанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки мо - мардуми шарафманди тоҷик бисёр хушҳолу сарбаланд ҳастем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ҷашни воқеан мардумиро чун дастоварди бузурги хиради башар пазируфтааст. Бо қаноатмандӣ изҳор шуд, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба сифати ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки сокинони сайёра ба ин оини моҳиятан фарҳангиву инсонпарваронаи тоҷикон ва кишварҳои ҳавзаи Наврӯз эҳтиром доранд ва онро ҳамчун воситаи баҳамоӣ, таҳкими сулҳу субот ва дӯстию рафоқат эътироф менамоянд.

Хусусиятҳои хоси дигари ҷашни Наврӯз инсонпарварӣ, некиву накукорӣ, бахшишу меҳрубонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ мебошад.

Сокинони заҳматпешаи шаҳри Истиқлол бо барпо кардани намоиши дастовардҳо, анъанаҳои неки наврӯзӣ, расму оинҳои миллӣ, маҳсули дасти кадбонуҳо, ҳунари устоҳои чирадаст, ташкили бозиҳои варзишӣ ин маконро ба базмгоҳи ҳақиқии идона табдил доданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таърихи Наврӯз ва анъанаҳои ин ҷашни хусравонӣ андешаронӣ карда, барои арҷгузорӣ ва идомаи расму оини аҷдодон ба сокинон изҳори сипос намуданд.

**30 - юми марти соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 100 ятими кулл вохӯрӣ намуда, ба онҳо туҳфа тақдим намуданд.**

Барои ин наврасону ҷавонон, ки бо амри тақдир аз навозиши волидайн бенасиб мондаанд, дастархони идона ороста шуд. Ятимон бо шодию нишот аз дасти Сарвари раиятпарвару инсондӯсти мамлакат либоси мактабӣ, пойафзол, шириниҳо, кумаки молӣ ва дигар туҳфаҳои арзишманд гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наврасону ҷавонони ятим, ки аз шаҳрҳои Истиқлолу Истаравшан ва ноҳияҳои Ашт, Мастчоҳ ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд мебошанд, суҳбати самимӣ ороста, онҳоро барои таҳсили хубу аъло, омӯхтани касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияи муосир ҳидоят намуданд.

Ятимони кулл аз он изҳори хушҳолӣ намуданд, ки дар чунин як кишвари ободу зебо зиндагӣ карда, дониш меомӯзанд ва ҳамеша таҳти ғамхорию дастгирии Пешвои маҳбуби миллат қарор доранд. Ҳангоми тақдими туҳфаҳо гуфта шуд, ки ғамхорӣ нисбат ба ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои камбизоат дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дошта, барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва зиндагии онҳо пайваста тадбирҳои зарурӣ ва самарабахш андешида мешаванд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар баробари дигар муассисаҳои таълимӣ, шароити таҳсил ва будубоши тарбиятгирандагон дар мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим бо дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтару хубтар карда мешавад. Ҷавонону наврасони ятим худро ҳаргиз бесаробон ҳис накарда, бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу осоиши мамлакат, илму ҳунар омӯхта, дар шукуфоии аз ин ҳам бештари Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми босазо мегузоранд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

**30 - юми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд кӯдакистони «Дӯстӣ»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои хуштарҳу замонавии муассисаи томактабӣ аз ду ошёна иборат буда, барои 300 кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Кӯдакистон дорои шаш синфхонаи машғулият, ҳуҷраҳои хобу истироҳат, нуқтаҳои дастшӯӣ, толори мусиқӣ, ошхона, ҳуҷраҳои корӣ барои маъмурият ва кормандон, нуқтаи тиббӣ, анбор барои нигоҳдории маҳсулоти ғизоӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Дар муассисаи томактабии «Дӯстӣ» дар шаҳри Истиқлол 25 сокини маҳаллӣ, аз ҷумла мураббияҳо, бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Раванди таълим дар боғчаи кӯдакона бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, синфхонаҳои машғулият бо аёнияти таълимӣ, инчунин телевизор ва дигар воситаҳои фароғатӣ барои тарбиятгирандагон таъмин мебошанд. Иттилоъ дода шуд, ки оянда омӯзиши забони хитоӣ низ дар кӯдакистон ба роҳ монда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар кӯдакистон бо дӯстрӯякон суҳбати самимӣ ороста, ба онҳо туҳфаҳои наврӯзӣ, аз ҷумла ширинию бозичаҳои гуногун, тақдим намуданд.

Бинои муосири муассисаи нави томактабӣ дар шаҳри Истиқлол дар партави сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи фазои мусоиди сармоягузорӣ аз ҷониби ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ - саноатии Тоҷикистону Хитой» бунёд гардида, масоҳати умумии замини он 3 гектарро дар бар мегирад. Иншоот бо системаи мустақили гармидиҳӣ таъмин мебошад.

Кӯдакистони нав ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуда, иқдоми муҳим дар амалишавии «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025» маҳсуб мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомёфта дар бинои кӯдакистон баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор намуданд, ки бо истифода аз шароити муҳайёгардида барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ садоқатмандона фаъолият намоянд.

Кӯдакистони «Дӯстӣ» дар шаҳри Истиқлол сеюмин муассисаи томактабӣ буда, ба истифода супоридани он барои фарогирии бештари насли наврас ба таълиму тарбияи томакбатӣ мусоидат хоҳад кард.

**30 - юми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истиқлол бо амалишавии лоиҳаи Барномаи безараргардонии партовҳои радиоактивӣ шинос шуданд.**

Лоиҳаи мазкур дар «Партовгоҳҳои маъданҳои радиоактивӣ», ки дар солҳои 50-уми асри гузашта ба вуҷуд омадааст, амалӣ мешавад.

Ин лоиҳа дар заминаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Росатом»-и Федератсияи Россия амалӣ гардида, барои иҷрои корҳо 110 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар майдони «Партовгоҳҳои маъданҳои радиоактивӣ», ки масоҳати умумии он 7,5 гектарро ташкил медиҳад, баландии партовҳо аз 65 то ба 30 метр паст гардида, бо сангу шағал ва хок рӯйпӯш карда мешавад. Дар марҳилаи охири безараргардонии партовҳо тадбирҳои сабзу хуррамгардонӣ анҷом дода мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки барномаи мазкур дар чор қитъа амалӣ гардида, аллакай кор дар қитъаи якум пурра ба охир расида, дар қитъаи дуюм ҷараён дорад. Безараргардонӣ дар қитъаҳои 3-юм ва 4-уми партовгоҳ нимаи дуюми моҳи апрел оғоз гардида, дар охири моҳи майи соли 2023 ба анҷом мерасанд.

Дар иншооти мазкур зиёда аз 100 нафар ба кор ҷалб гардидаанд.

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни безараргардонӣ риояи қоидаҳои бехатарӣ ва муомила бо маводи радиоактивӣ аз ҷониби олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пайваста назорат мешавад.

Мувофиқи нишондод, баъд аз безараргардонии қитъаи якуми партовгоҳ дараҷаи нурафкании радиоактивӣ ба меъёри муқаррарӣ баробар шудааст, ки барои саломатии аҳолӣ, муҳити зист ва дар умум тамоми мавҷудоти зиндаи атроф бехатар аст.

Бо мақсади татбиқи саривақтии лоиҳа дар мавзеи наздик ба сохтмон барои кормандону мутахассисон шароити зарурӣ, аз қабили нуқтаи тиббӣ, ҳуҷраҳои санитарӣ ва беҳдошт, ҷойи шустушӯи техникаю механизми махсус ва зеристгоҳи барқӣ бунёд шудааст.

**31 - уми марти соли 2023 дар идомаи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Зафаробод ташриф оварда, хатти оби полезиро ифтитоҳ бахшиданд ва аз боғҳои нави интенсивию суперинтенсивӣ дар Кооперативи боғпарварии «Саховати Куруш» боздид намуданд.**

Ҳамчунин дар Кооперативи тиҷоратии «Нур Темур» ба кишти пунбадона оғоз бахшида, аз намоиши тухмиҳои зироати кишоварзӣ боздид ба амал оварданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар мавзеи Заррези деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии ноҳия хатти оби полезиро ба истифода доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки ду хатти оби полезӣ аз дарёи Сир то мавзеи заминҳои кишоварзӣ дар масофаи яке 980 метр, дуюмӣ 620 метр, дар маҷмӯъ - 1600 метр бо васлу насби қубурҳои полиэтилении қутрашон 355- миллиметра аз ҷониби соҳибкор бо харҷи 1,5 миллион сомонӣ сохта, дар ҳар як соат тавассути онҳо 1700 метри мукааб об бароварда мешавад.

Аз пойгоҳи хурди барқӣ бо ду дастгоҳи обкашии иқтидори яке 1100 метри мукааб ва дуюмӣ 600 метри мукааб дар ҳар як соат аз канали обрасонии Фарҳод оби полезӣ кашида, ба мавзеи кишоварзӣ оварда шуда, барои таъмини қувваи барқ ба муҳаррикҳои дастгоҳҳои обкашӣ дар масофаи 800 метр хатти барқ сохта, ду адад трансформатори иқтидорашон 400 -киловатта насб гардидааст.

Тавассути иншооти нави обрасонӣ 200 гектар заминҳои кишоварзии Кооперативи боғпарварии «Саховати Куруш» ва Кооперативи тиҷоратии «Нур Темур» обёрӣ гардида, замини наздиҳавлигии аҳолии деҳаи Заррез низ бо оби полезӣ таъмин мешаванд.

Соҳибкорону хоҷагидорон бо анҷоми ин тадбир ва ҳамвору коркарди замин дар ин минтақа беш аз 200 гектар замини бекорхобида ва азкормондаро ба гардиши кишоварзӣ ворид намудаанд. Аз замини ин минтақа дар давоми беш аз 30 сол аз сабаби аз кор мондани пойгоҳи обкашии «Меҳнат» зироати кишоварзӣ истеҳсол нашудааст.

Дар замине, ки ба гардиши кишоварзӣ дароварда шудаанд, соли гузашта зироати пахта, ғалла, юнучқа кишт карда, боғҳои нави интенсивӣ бунёд гардида, соли ҷорӣ ба кишти баҳорӣ вусъат бахшида шудааст.





Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз қитъаҳои замини Кооперативи тиҷоратии «Нур Темур» ба маъракаи кишти пахта оғоз бахшиданд. Хоҷагидорон дар замини ин минтақа дар баробари таъсиси боғҳои интенсивию суперинтенсивӣ, кишту парвариши ғалла, зироати равғандеҳу хӯроки чорво пешбинӣ намудаанд, ки ҳаҷми истеҳсоли пахтаро зиёд намоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагидорони ноҳияи Зафаробод дар кишти баҳорӣ барор хостанд. Ба масъулони соҳа, хоҷагидорону мутахассисон дастуру супориш дода шуд, ки кишти зироату сабзавот, полезиҳоро дар мӯҳлат ва хушсифат, мутобиқ ба агротехника анҷом диҳанд. Аз ҷумла, дар мӯҳлати барои обу ҳавои минтақа мутобиқ гузарондани кишти пунбадона яке аз омилҳои асосии ҳосилнокии баланди пахта мебошад.

Бо навсозии дастгоҳу муҳаррикҳои пойгоҳҳои обкашӣ дар хоҷагиҳои ноҳияи Зафаробод истеҳсоли пахта бояд зиёд шавад. Хоҷагидорони ноҳия имконият доранд, ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли пахтаро афзун намуда, дар иҷрои Барномаи давлатии рушди пахтакорӣ саҳм гузоранд, ки аз ин ҳисоб даромаднокӣ зиёд ва сатҳи зиндагии сокинони ноҳия баланд бардошта мешавад.

Дар ноҳия беш аз 4 ҳазор кооперативу хоҷагиҳои деҳқонӣ ба кишту парвариши пахта машғуланд. Соли ҷорӣ дурнамои кишти пахта дар масоҳати 14 ҳазору 650 гектар муқаррар гардидааст, ки ин аз соли 2022 зиёд аст. Соли гузашта кишоварзони ноҳия дар масоҳати 13 ҳазору 943 гектар пахта кишту парвариш намуда, зиёда аз 31 ҳазор тонна ашёи хоми саноатию содиротӣ истеҳсол намуданд.

Дар даҳ соли охир дар ноҳияи Зафаробод масоҳати кишти пахта қариб 5 ҳазор гектар зиёд, ҳосилнокӣ аз 2 то 5 сентнер баланд бардошта, истеҳсоли пахта аз 20 ҳазор тоннаи соли 2010- ум 11 ҳазор тонна афзун шудааст.

Соҳибкорону хоҷагидорони Кооперативи боғпарварии «Саховати Куруш» дар мавзеи Заррез соли 2022 дар масоҳати панҷ гектар боғи интенсивии себу шафтолу бунёд намудаанд. Дар мавсими соли ҷорӣ бо истифодаю ҷорӣ намудани технологияи муосир дар масоҳати ду гектар бунёди боғи интенсивиро идома дода, дар масоҳати панҷ гектар боғи суперинтенсивии себу олуи сиёҳ бунёд менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз боғи суперинтенсивӣ дидан карда, ин иқдоми соҳибкорону мутахассисонро шоиста арзёбӣ намуданд. Тибқи технология боғи суперинтенсивӣ бо иштироку тавсияи мутахассисони дохилию хориҷӣ ташкил гардида, ниҳолҳо тибқи реҷаи 80 сантиметр ба 4 метр шинонида шуда, дар масоҳати 5 гектар 16 ҳазор ниҳол ҷойгир шудааст.

Дар асоси технология ва талаботи физиологии боғдорӣ дар ин масоҳат 1000 бех ниҳоли модарии себу олу барои гардолудкунии ниҳолҳои боғ ҷойгиранд.

Мувофиқи лоиҳа дар боғи суперинтенсивӣ бо истифода аз сутунпояҳои махсуси оҳану бетонӣ конструксияи боғдорӣ сохта шудааст, ки барои дар ҳолати меъёрии вертикалӣ нигоҳ доштани дарахтони боғ зарур аст. Ҳамчунин, болои конструксияи оҳану бетонию симӣ бо масолеҳи тӯри махсус пӯшонида шудааст, ки барои аз нури офтоби аз ҳарорати 35 дараҷа баланд, аз борони сахту жола эмин доштану ҳифзи дарахтони боғ талаботи ниҳолҳои тагпайвандӣ мебошанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ва суҳбат бо соҳибкорону мутахассисон таъкид намуданд, ки дар шароити пешрафти илму технология, бо мақсади афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли меваю ангур ва баланд бардоштани сифату стандарти мева дар ҳар як минтақа ва дар умум дар кишвар боғу токзори интенсивӣ ва суперинтенсивӣ бояд зиёд карда шавад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Зафаробод, инчунин, бо пахши тугмаи рамзӣ ба фаъолияти хоҷагии моҳипарварӣ ифтитоҳи расмӣ бахшиданд.**

Ба ҳавзҳои моҳипарварӣ аввалин моҳичаҳо партофта шуданд.

Хоҷагиҳои кооперативҳои «Саховати Куруш» ва «Нур Темур» бо истифода аз мавзеи мутобиқ дар соҳили дарёи Сир ба таъсиси ҳавзҳои моҳипарварӣ иқдом намуданд.

Тибқи лоиҳа, таҷҳизоти ҳавзҳо истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой буда, бо усули шинокунанда сохта шудаанд, яъне бо пасту баланд шудани сатҳи об ин ҳавзҳо барои ҳаёти физиологии моҳӣ мусоидат мекунанд.

Шумораи ҳавзҳои моҳипарварӣ 10 адад буда, ба андозаи ҳар яке 5 метр ба 2,5 метр дар канали обрасонии «Фарҳод» насб шудаанд.

Дар марҳилаи аввал дар ин ҳавзҳо 20 ҳазор моҳӣ парвариш меёбад ва тибқи нақшаи тиҷоратии соҳибкорон, минбаъд навъу намуд ва миқдори моҳӣ зиёд мешавад.

Ин нахустин хоҷагии моҳипарварӣ дар ноҳияи Зафаробод буда, Сарвари давлат ба хоҷагидорону соҳибкорон дастуру маслиҳат доданд, ки бо истифода аз шароити мусоиди соҳили Сирдарё ва минтақаҳои шафати иншооти ирригатсионии ноҳия ҳавзҳои моҳипарварӣ ташкил намоянд. Хоҷагидорону соҳибкорон бо истифода аз имтиёзу сабукиҳои муқарраргардида ба таъсиси хоҷагию ҳавзҳои моҳипарварӣ ҳавасманданд.

Сарвари давлат зимни сафарҳои корӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба таъсиси хоҷагиҳо ва бунёди ҳавзҳои моҳипарварӣ асос гузоштаанд. Тайи солҳои охир дар вилоят моҳипарварӣ рушд ёфта, то ин давра 33 хоҷагии моҳипарварӣ бо 43222 гектар масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ амал мекунанд. Истеҳсоли гӯшти моҳӣ давра ба давра зиёд гардида, дар соли 2022 дар вилоят 894 тонна гӯшти моҳӣ истеҳсол шудааст.

Таъсису ташкили чунин хоҷагию ҳавзҳои моҳипарварӣ ба рушди соҳа, афзоиши моҳии саноатӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезии моҳӣ мусоидат менамояд.

**Дар ҷараёни боздид аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зарафшони деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии ноҳияи Зафаробод, ҳамчунин, Маркази саломатиро мавриди истифода қарор доданд.**

Корҳои сохтмонӣ ва таъмиру азнавсозӣ дар ин иншооти соҳаи тандурустӣ моҳи октябри соли 2022 оғоз гардида, пудратчии иншоот Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «СМУ-1» мебошад.

Бинои Маркази саломатии деҳаи Зарафшони деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ якошёна буда, аз 3 толор, 9 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои табибони оилавӣ, муоинаи бемориҳои занона, доругузаронӣ, эмгузаронӣ, таҳлилгоҳу озмоишгоҳ, хатнаи кӯдакон, ташхиси ултрасадо, таваллуд ва баъди таваллуд, иборат мебошад.

Баъд аз таъмиру азнавсозӣ имконият ва шароити ташхису табобат дар Маркази саломатии деҳаи Зарафшон бо ворид намудан ва муҷаҳҳаз гардонидани таҷҳизоти муосири тиббӣ, ашё, дигар ҷиҳози зарурӣ мувофиқ ба талаботи замон, хубтару беҳтар ба роҳ монда шудааст.

Ба туфайли фаъолияти Маркази саломатии деҳаи Зарафшон 9 нафар, аз ҷумла табиб, 6 корманди миёнаи тиб, корманди хурди тиб ва хоҷагидор бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин ҳастанд. Аксари мутахассисони соҳа, ки дар ин Маркази саломатӣ фаъолият мекунанд, сокинони ҳамин деҳот мебошанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат ба мутахассисони маркази саломатии мазкур ва ҳам масъулони соҳаи тандурустии вилояту ноҳия дастур доданд, ки дар фаъолияти касбӣ ба сокинон содиқона хизмат намуда, аз усулҳои муосиру маъмули ташхису табобати беморон истифода намуда, хизматрасонии тиббиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

Қобили зикр аст, ки баъд аз таъмиру азнавсозӣ намуди зоҳирӣ, дохили бино, ҳуҷраҳои ташхису табобат ва дигар намуди хизматрасониҳои тиббии Маркази саломатии деҳаи Зарафшон куллан дигаргун, барҳавою зебо, атрофи он кабудизору гулзор ва дилкашу гуворо гардидааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зарафшони ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд хатти оби нӯшокиро низ мавриди истифода қарор доданд.**

Дар ин мавзеъ бо сохтани чоҳи амудӣ дар чуқурии 150 метр ба воситаи насоси махсуси обкашӣ оби нӯшокӣ бароварда шуда, дар натиҷа беш аз 430 оила, яъне 1800 нафар аҳолии деҳаи Зарафшон, ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ пайдо намуданд.

Ҳамзамон, тавассути хатти оби нӯшокӣ муассисаҳои соҳаи маорифу тандурустии ин деҳа бо оби хушсифати нӯшокӣ таъмин гардида, мушкилоти қаблии деҳа вобаста ба таъмин будан бо оби нӯшокӣ ҳалли худро ёфт.

Дар партави ташаббусҳои наҷиби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва мақомоти маҳаллӣ дар ин деҳа хатти оби нӯшокӣ ба дарозии беш аз ду километр бунёд гардида, ба ҳамаи кӯчаю маҳаллаҳои деҳа хатти об оварда, нуқтаҳои обгирӣ ташкил шуданд.

Таъмини сокинони деҳаи Зарафшони ноҳияи Зафаробод бо оби ошомидании аз ҷиҳати экологӣ тоза самараи истиқлолияти давлатӣ ва амалӣ гардидани дастуру супоришҳои роҳбарияти олии Давлату Ҳукумат мебошад. Ин тадбири муҳим боиси хушҳолии хурду бузурги ноҳияи Зафаробод гардида, аҳолии деҳаи Зарафшон ба Сарвари давлат миннатдорӣ намуданд.

Татбиқи як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат шаҳодати ин аст, ки сол аз сол масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ ҳалли худро меёбад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд, инчунин, дар деҳаи Зарафшони деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии ноҳияи Зафаробод бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ба номи Лоиқ Шералиро мавриди истифода қарор доданд.**




Он дар масоҳати 1,5 гектар бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, фармоиши Идораи сохтмони асосии вилоят бунёд гардида, корҳои сохтмонӣ аз ҷониби коргарону мутахассисони ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмони Зафаробод», «Оламафрӯз -2016», «Эъҷози ҳунар», «Сирус» ва «Манзили озод» ба анҷом расида аст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои муассиса аз 2 ошёна, 14 синфхона, 4 озмоишгоҳ, ошхона, толори варзишӣ ва маҷлисгоҳ бо 250 ҷойи нишаст иборат буда, ҳамаи синфхонаҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо бо лавозимоту таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз буда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани дарсу машғулиятҳо шароити мусоид фароҳам шудааст.

Бинои ин муассисаи таълимӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарҳи муосиру замонавӣ бунёд гардида, дар он дар ду баст 1000 хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, 30 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи фарзандон машғуланд.

Дар бинои нави муассиса кабинетҳои фаннӣ баҳри дар сатҳи меъёрӣ гузаронидани дарсҳо омода карда шудаанд. Аз ҷумла, кабинети фанни дифои ҳарбӣ тибқи оиннома бо таҷҳизоту аёният муҷаҳҳаз буда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунад.

Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонону наврасон ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи нав толори замонавии варзишӣ бунёд шудааст. Хонандагон бо истифода аз ин шароити муосир бо намудҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла волейболу баскетбол, футзал, тенниси рӯйи миз, машғул мешаванд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо синфхонаву кабинетҳои фаннӣ ва ҳамаи шароити фароҳамовардашуда шинос шуда, бо омӯзгорону хонандагони муассиса суҳбати озоду самимӣ намуданд.

Сарвари давлат хонандагонро ҳидоят намуданд, ки аз шароити мусоиди фароҳамгардида самаранок истифода бурда, дониши хуб омӯзанд ва оянда барои пешрафти ҷомеа хизмати шоиста намуда, номбардори Ватан бошанд.

Дар саҳни муассиса майдончаи замонавии варзишӣ барои ҷалби хонандагону сокинони деҳа ба футбол бо тарҳи замонавӣ бунёд гардида, дар гирду атрофи муассиса дарахтони мевадиҳандаю ороишӣ ва гулҳои рангоранг шинонида шудааст, ки ба намои бино ҳусни хоса зам мекунад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зарафшони деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии ноҳияи Зафаробод, ҳамчунин, Коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии дастӣ аз абрешим «Шарифамоҳ»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Коргоҳи навбунёд дар маркази деҳа ҷой гирифта, аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Зафар Авулов таъсис дода шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки коргоҳ бо таҷҳизоту дастгоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии муосир муҷаҳҳаз карда шуда, барои 20 զану духтари маҳаллӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам шуд.

Коргоҳи дӯзандагии «Шарифамоҳ» асосан барои дӯхтани либосҳои мактабӣ пешбинӣ гардида, дар асоси дархости мизоҷон либосҳои занона, мардона, варзишӣ, ҳарбӣ ва ғайраро омода месозад.

Ҳамчунин, дар заминаи таваҷҷуҳ ба рушди ҳунарҳои суннатии мардумӣ, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ» дар коргоҳ бо таъмин гардидани дастгоҳҳои қолинбофии дастӣ ин ҳунари суннатӣ ривоҷ дода мешавад. Занону духтарони ҳунарманд тавассути дастгоҳҳо бо усули анъанавӣ қолинҳои абрешимӣ истеҳсол менамоянд. Ин намуди қолинбофӣ дар байни ҳунармандони халқӣ маъмул буда, солҳои охир рушд меёбад.

Як самти фаъолияти маркази ҳунармандӣ ба омӯзиши ҳунари қолинбофии дастӣ фаро гирифтани занону духтарони деҳа буда, маҳз бо таъсиси ҳамин коргоҳ дар деҳа шумораи ҳунармандони халқӣ, аз ҷумла қолинбофӣ аз байни занону духтарони маҳаллӣ, зиёд мегардад.

Таъсиси коргоҳи қолинбофӣ ба рушди ин ҳунари анъанавӣ ва бахусус бо ҷои кор таъмин намудани занону духтарони деҳа ва соҳиби даромад шудани онҳо замина фароҳам месозад. Таъсиси ҳамин гуна коргоҳҳо барои рушди ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекунад. Асоси қолинҳои дастиро нах ва риштаи абрешимӣ ташкил медиҳад. Дар истеҳсоли қолин истифода шудани риштаи абрешимӣ бо нақшу нигори зебои миллӣ асоси сифати қолини дастибоф ва серхаридор гардидани маҳсулот дар бозори беруна аст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар ба эҳёи анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Бо дастгирӣ ва ғамхории Ҳукумати мамлакат марказҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла атласу адрасбофӣ ва қолинбофӣ, ташкил гардида, дар самти соҳибкасб шудани занону духтарони бешуғл шароит фароҳам оварда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба чунин иқдому ташаббуси созандаи соҳибкор дар самти рушди саноат ва ҳунар дар деҳот баҳои баланд дода, фаъолияти ин коргоҳро омили муҳими таъмини занону духтарон бо ҷойи корӣ ва даромаднокӣ аз ин ҳисоб арзёбӣ намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд дар ноҳияи Зафаробод, инчунин, Корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли равғани растаниро дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Кони ганҷ» мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи мазкур дар деҳоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии ноҳия ҷойгир буда, дар масоҳати 2, 9 га аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Абдусамат Норматов бо ворид кардани дастгоҳу таҷҳизоти муосир таъсису бунёд ёфтааст.

Корхонаи истеҳсолӣ дар партави дастуру супориш ва ҳидоятҳои роҳбарияти олии мамлакат баҳри саҳмгузорӣ дар иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат сохта шуда, шаҳодати рушди саноати кишвар дар ҳар як шаҳру деҳоти мамлакат бо саҳми соҳибкорони ватанӣ маҳсуб меёбад.

Иқтидори истеҳсолии корхонаи пахта дар як сол коркарди 15 ҳазор тонна пахта буда, дар заминаи корхона истеҳсоли равғани растанӣ низ ба роҳ монда шуда, бо ин мақсад дастгоҳу таҷҳизоти муосиру каммасраф аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Иёлоти Муттаҳидаи Америко вориду васлу насб гардидааст. Дар корхона дар марҳилаи якум пахта ба коркарди аввалия фаро гирифта мешавад. Истифодаи дастгоҳи муосир имкон медиҳад, ки барориши нахи пахта то ба 38 фоиз баробар гардида, 55 фоиз чигит истеҳсол шавад.

Соли 2022 ҶДММ «Кони ганҷ» 9 ҳазор тонна пахта қабул намуда, онро мавриди коркарди аввалия қарор додааст. Баробари ба кор андохтани коргоҳи равғанбарорӣ чигити истеҳсоли худии корхона пурра истифода ва аз он равғани растанӣ, намудҳои гуногуни хӯроки чорво истеҳсол мешавад.

Соҳибкор тасмим гирифтааст, ки дар марҳилаи минбаъда бо воридсозии дастгоҳҳои муосир истеҳсоли собунро низ ба роҳ монад. Коргоҳи равғанбарорӣ иқтидори коркарди то 40 тонна чигитро дар як шабонарӯз дошта, равғани истеҳсолгардида дорои сифати баланд буда, корхона дар таъмини бозори растанӣ саҳми арзанда мегузорад.

Корхона бо мақсади таъмини талаботи сокинон бо маҳсулоти аз лиҳози табиӣ тоза ва истеҳсоли худӣ ва дорои сифати баланд таъсис дода шуда, дар он асосан аз маҳсулоти чигит ва офтобпараст равған истеҳсол карда мешавад.

Маҳсулоти коргоҳ дар бозорҳои ноҳияи Зафаробод ва дигар минтақаҳо ба фурӯш бароварда мешавад. Баробари ба истифода додани коргоҳи мазкур 20 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардида, ҳамчунин дар давоми сол беш аз 50 нафар ба кори мавсимӣ фаро гирифта мешаванд.

Корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли равғании растанӣ дар ҶДММ «Кони ганҷ» дар масофаи 20 км аз маркази ноҳия ҷойгир буда, барои қабулу коркарди пахтаи истеҳсоли хоҷагиҳои ҳудуди шаҳраку деҳоти «Меҳнатобод» ва ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ хеле мувофиқ аст.

Аснои шиносоӣ бо маҳсулоти корхона Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки бояд, пеш аз ҳама, ба сифат ва рақобатпазирии ин маҳсулоти ғизоӣ диққати зарурӣ дода шавад.

Маҳсулоти кишоварзии ноҳия, чун ғалла, лӯбиёгиҳо, зироати равғандеҳ, анвои гуногуни сабзавот, картошка ва дигар намуди маҳсулоти ғизоӣ ба намоиш гузошта шуд.

Лозим ба таъкид аст, ки дар ноҳияи Зафаробод 4700 хоҷагии деҳқониву кооперативҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, дар соли 2022 маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия наздик 732 миллион сомониро ташкил дод, ки мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2021 ба 115,2 фоиз баробар мебошад.

Дар саҳни корхона чорвои хушзот, чорвои калон барои истеҳсоли шир ва гӯшт, асп, гӯсфанд ва бузҳои зотӣ, ки асосан дар ноҳия парвариш меёбад, ба намоиш гузошта шуд.

Сарвари давлат аснои шиносоӣ бо дастовардҳои чорводорони ноҳия кори хоҷагидоронро мусбат арзёбӣ дошта, ҷиҳати боз ҳам тақвият додани ин соҳаи сердаромад, таъсиси фермаҳои нави чорводорӣ ва фабрикаҳои парандапарварӣ, парвариш ва нигоҳубини чорвои хушзот ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ҳамон ҷо Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсули деҳқонони ноҳия, маҳорати кадбонугии бонувон ва намунаҳои ҳунарҳои миллии дастӣ дидан намуданд.

Дар хаймаҳои идона маҳсулоти ониву қаннодӣ, асал, панир, шири Зафаробод, ҳунарҳои мардумӣ чун дӯзандагӣ, сӯзанидӯзӣ, қолинбофӣ, зардӯзӣ, муҳрабофӣ ва амсоли ин, маҳсулоти корхонаҳои хӯрока, равғани растанӣ ва хӯроки чорво, ки ҳама истеҳсол ва дастранҷи заҳматкашони ноҳия мебошад, ба намоиш гузошта шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ноҳия бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва чорвои хурду калони хушзоти ширдеҳ навъҳои гуногуни панир ва дигар маҳсулоти ширӣ истеҳсол гардида, ба бозори минтақа ба фурӯш бароварда мешавад. Ҳамчунин, дар ноҳия ба рушди ҳунарҳои дастии миллӣ таваҷҷуҳи хоса равона гардида, беш аз 30 намуд ҳунарҳои мардумӣ то кунун побарҷост. 1500 сокини ноҳия ҳамчун ҳунарманд кору фаъолият дошта, касбҳои гуногуни аҷдодиро нигоҳ доштаву баояндагон ба мерос мегузоранд.

**(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шумораи оянда ба нашр мерасанд)**

**www.president.tj**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414382 | Комиссариати ҳарбии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 08.04.2023 09:50:55 |
| 2 | 414366 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳии вилояти Суғд дар шаҳри Исфара» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 18.04.2023 15:45:00 |
| 3 | 414365 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи М.Шерализода то гузаргоҳи Ғарбӣ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.04.2023 16:20:00 |
| 4 | 414375 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Р. Набиев то хиёбони Ҷ. Расулов» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.04.2023 16:30:00 |
| 5 | 414376 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Н. Ганҷавӣ то хиёбони С. Шерозӣ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.04.2023 16:40:00 |
| 6 | 414377 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистон»-и №89 дар ноҳияи Сино | Таъмири ҷории биноии Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистон»-и №89 дар ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 08:30:00 |
| 7 | 414378 | Маркази саломатии ноҳияи Спитамен | Молҳои канселярӣ, бланка ва маводи чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 19.04.2023 09:00:00 |
| 8 | 414379 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.04.2023 10:00:00 |
| 9 | 414380 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.04.2023 10:00:00 |
| 10 | 414381 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Болопӯшии биноҳои ёрирасон ва таъмири утоқҳои кории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 10:00:00 |
| 11 | 414383 | Комиссариати ҳарбии вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.04.2023 10:15:50 |
| 12 | 414395 | Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтари вилояти Хатлон» | Таҷҳизоти идоравӣ ва маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 19.04.2023 10:40:25 |
| 13 | 414396 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷайҳун» | Таъмири ҷории биноии таълимии Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷайҳун» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:10:10 |
| 14 | 414384 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии толори маҷлисгоҳ, утоқҳои корӣ ва таҳхонаи Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 15 | 414385 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» | Таъмири биноии МД «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 16 | 414386 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Таъмири биноии маъмурии МДТ «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 17 | 414387 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Идомаи таъмири бино дар факултети муҳандисӣ – технологии МДТ «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Точикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 18 | 414388 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони синфхонаи иловагӣ барои 240 хонанда дар Ҷамоати деҳоти Пунук, маҳаллаи Дӯстии ноҳияи Ашт (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 19 | 414389 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Иваз намудани деги системаи гармидиҳӣ дар Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд (миқдор: 1 дона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 20 | 414390 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Таъмири деворҳои иҳотакунандаи Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 21 | 414391 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Таъмири асосии боми биноии 1-ум, гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар биноии маъмурият ва ташхисгоҳ, ободонии ҳудуди Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 22 | 414392 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Таъмири дохилии деворҳои долони хобгоҳ, факултети сохтмон ва нақлиёт, фаршҳои долонҳои ошёнаҳои 1-4-уми факултети информатика ва энергетика, гузаргоҳи факултети муҳандисӣ - иқтисодӣ, стансияи хизматрасонии техникии факултети информатика ва энергетикаи МДТ «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 23 | 414394 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири шуъбаи амрози занонаи МД «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А.Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:11:11 |
| 24 | 414397 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 36-и ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 19.04.2023 11:25:00 |
| 25 | 414398 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Ёвон | Таъмири намои биноии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Ёвон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:25:50 |
| 26 | 414399 | Ҷамоати деҳоти Муҷуни ноҳияи Деваштич | Идомаи корҳои сохтмонии биноии толори маҷлисгоҳ дар Ҷамоати деҳоти Муҷуни ноҳияи Деваштич | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:35:35 |
| 27 | 414400 | Муассисаи мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббии вилояти Суғд | Таъмири асосии Муассисаи давлатии мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббии вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.04.2023 11:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**барои ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд:**

**Номи мансаб:**

**Бахши минтақавии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ:**

**- мутахассис – 1 воҳиди корӣ** (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ ё таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё хизмати давлатӣ), маоши мансабӣ - 1007 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷойи зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефонҳои 227-66-21, 227-66-79 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати $17^{00}$) муқаррар мешавад.

# НАЙМ СПЕЦИАЛИСТА ПО ЗАКУПКАМ И УПРАВЛЕНИЮ КОНТРАКТАМИ

**ПРОЕКТ УЛУЧШЕНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ**
**ИБР КРЕДИТ NO. TJK-1013**

**Предыстория проекта**

Правительство Таджикистана получило кредит от Исламского банка развития (ИБР) на покрытие расходов по проекту «Улучшение управления водными ресурсами в Хатлонской области» и намерено направить часть средств от этого финансирования на соответствующие выплаты по контракту на консультационные услуги, для которого открыта данная вакансия. Агентство по мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан является исполнительным агентством, которому поручено выполнение и надзор за реализацией проекта.

Целью разработки проекта является улучшение условий жизни сельского населения за счет улучшения управления водными ресурсами с учетом устойчивости к последствиям изменения климата. Это приведет к увеличению сельскохозяйственного производства, продовольственной безопасности, увеличению доходов фермерских хозяйств, созданию рабочих мест и сокращению масштабов бедности.

**Основные задачи назначения**

Ожидается, что специалист по закупкам и управлению контрактами будет управлять процессом закупок в соответствии с Политикой и руководящими принципами ИБР в области закупок, а также соответствующими нормативными актами Республики Таджикистан. Специалист по закупкам и управлению контрактами будет координировать всю закупочную деятельность, включая планы закупок, подготовку тендерной документации, оценки заявок, проведение переговоров с подрядчиками, консультантами или поставщиками и обеспечение выполнения контрактов на товары, работы и услуги.

**Квалификационные требования:**

- Высшее образование (предпочтительно степень магистра) в области менеджмента, финансов, экономики, строительства или эквивалентное;
- Минимум 5 лет наличия опыта работы в области закупок и управления контрактами в проектах государственного или частного сектора, финансируемых международными финансовыми институтами;
- Знание международных процедур закупок. Знание законов и нормативных актов в области государственных закупок в Республике Таджикистан;
- Хорошее знание английского, таджикского и русского языков;

Должность будет осуществляться в городе Душанбе, Таджикистан.

Выражение заинтересованности должно быть отправлено в письменной форме вместе с резюме на английском языке и любым другим документом (по электронной почте) по указанному ниже адресу не позднее **19 апреля 2023 года, 17:00** (по местному времени).

Внимание: г-н Рахматзода М.,
Директор ЦРП, Агентство по мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан
Проект «Улучшение управления водными ресурсами в Хатлонской области»
Электронная почта: **alri.tj@mail.ru**
Копия: **piu_dvip@mail.ru** и **isdbalmaty.ops@gmail.com**

# HIRING OF THE PROCUREMENT AND CONTRACT MANAGEMENT SPECIALIST

**IMPROVEMENT OF WATER RESOURCES MANAGEMENT IN KHATLON REGION PROJECT**
**ISDB LOAN NO.TJK-1013**

**Project Background**

The Government of Tajikistan has received loan from the Islamic Development Bank (IsDB) toward the cost of the Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project and intends to apply part of the proceeds of this financing to eligible payments under the contract of consultant services for which this Job Vacancy is issued. The Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan is the Executing Agency and is entrusted in the execution and supervision of the implementation of the Project.

The Project development objective is to improve the livelihood of the rural population through improvement of water resources management with resilience to climate change impacts. This will lead to increase in agriculture production, food security, increase in farm incomes, creation of jobs and alleviating the poverty.

**Main objectives of the assignment**

The Procurement and Contract Management Specialist is expected to manage the procurement process in compliance with the IsDB Procurement Policy and Guidelines as well as the relevant regulations of the Republic of Tajikistan. The Procurement and Contract Management Specialist will coordinate all procurement activities, including the procurement plans, preparation of bidding documents, bids evaluation, conduct negotiations with contractors, consultants, or suppliers, and ensuring the performance of the goods, works and services contracts.

**Qualification requirements:**

- Higher education (preferably a master's degree) in Management, Finance, Economics, Civil Engineering or equivalent;
- Minimum 5 years of working experience in procurement and contract management in public or private sector projects, or projects funded by international financial institutions;
- Knowledge of international procurement procedures. Knowledge of laws and regulations in the field of public procurement in Tajikistan;
- Good knowledge of English, Tajik, and Russian;

The position will be based in Dushanbe, Tajikistan.

Expressions of interest must be delivered in written form accompanied by the CV in English and any other document (by e-mail) to the address below no later than April 19, 2023, 17:00 (local time).

Attention: Mr. Rahmatzoda M.,
Director, Agency for Land Reclamation and Irrigation
PIU, Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project
E-mail: **alri.tj@mail.ru**
Copy: **piu_dvip@mail.ru** and **isdbalmaty.ops@gmail.com**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи НТ № 0647868-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор бо кори меросии 49/2021 таҳти феҳрасти 2Ш-57 санаи 12-уми марти соли 2021 дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият дар хонаҳои навбунёдшаванда, ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор аз 16-уми майи соли 2017 таҳти феҳрасти №6Ш-103 тасдиқ шуда, бо ҳиссаҳои баробар ба Шарипова Шаҳло Ахмирзоевна ва Шарипова Дилбар Сафаровна тааллуқ дорад, эътибор надорад.

✓ Патенти №151-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 31-уми марти соли 2022 ба Султонов Маъруф Муродуллоевич (РЯМ 3230064705) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Мирзоев Ҳоҷиакбар Ҷунайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Восеъ соли 1979 ба Қодирова Саврӣ Исмонқуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Сангвор соли 2016 ба Амонова Умеда Ҳабибуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ соли 2021 ба Азизов Сайнуридин Маҳмадаминович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Октябри (ҳоло Исмоили Сомонӣ)-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Хӯҷамбиёи боло, ҳавлии №17 ба Сангова Ойника додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши мағозаи назди таваққуфгоҳи автомашинаҳо бо силсилаи ДШ № 0405338 таҳти феҳристи 3-ДШ 119-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 12-уми майи соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳҳоров 480 ба Фахридинов Муҳридин Камарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии хоҷагии деҳқонии «Санг» -и ноҳияи Рӯдакӣ (РЯМ 1230002538, РМА 125013453) ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшудаи хоҷагии деҳқонии зикршуда эътибор надоранд.

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 16-уми апрели соли 2007 ба соҳибкори инфиродӣ Нишонов Орифҷон Қодирҷонович (РЯМ 1230027517, РМА 125183933) додааст, ҳамчунин дастгоҳи назорати хазинавии «ОКА ПФ» №00025441-и гумшудаи соҳибкори инфиродии болозикр эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни гумшуда таҳти феҳристи №4М-365 ва Созишнома оид ба тақсими молу мулки меросии №2Ш -1970-и гумшуда, ки онҳоро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 30-юми ноябри соли 2021 ба Закиров Самандар Ризоевич додааст, эътибор надоранд.

✓ Аттестати силсилаи А № 382045-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Қубодиён соли 1989 ба Қаландарова Шарифмоҳ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0912727-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Худоев Далерҷон Бахтиёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0912717-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Рашидзода Меҳронаи Амриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0471481-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 24-уми феврали соли 2022 ба Шодавлатов Акобиршоҳ Худойдодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, биноии 23/1, ҳуҷраи 9 ба Давлатова Шаҳнозаи Иброхимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-3375 гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 19-уми октябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, биноии 23/1, ҳуҷраи 9 ба Давлатова Шаҳноза Иброхимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, биноии 23/1, ҳуҷраи 9 ба Давлатова Шаҳноза Иброхимовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Муқадим» (РМА 040052301, РЯМ 0410030995), ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино 2-юми ноябри соли 2019 ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 31 марти соли 2023, соати 16:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97